Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079-и назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)

ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар мавзуи «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ.

1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқоти мазкур пурра ба талаботи шиносномаи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ мутобиқат менамояд, зеро муаллиф сиёсати иттилоотиро на танҳо ҳамчун раванди техникӣ, балки ҳамчун як технологияи мураккаби сиёсӣ ва институти идоракунӣ мавриди бозбинӣ қарор додааст. Дар рисола ҷанбаҳои ниҳодии ташаккули фазои иттилоотии Тоҷикистон ва нақши технологияҳои навин дар таҳкими низоми давлатдорӣ бо диққати махсус таҳлил шудаанд, ки ин мустақиман ба самтҳои афзалиятноки ихтисоси зикршуда, аз ҷумла технологияҳои идоракунии муосир ва равандҳои сиёсӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ, рабт дорад.

Дар сохтори кор, муаллиф муносибатҳои мутақобилаи ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро тавассути абзорҳои иттилоотӣ таҳқиқ карда, нишон медиҳад, ки чӣ гуна сиёсати иттилоотӣ ба тақсими захираҳои ҳокимият ва таъмини устувории низоми сиёсӣ мусоидат менамояд.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Мубрамияти мавзуи интихобшуда бо он асоснок мешавад, ки дар марҳалаи муосири рушди ҷаҳонӣ иттилоот ба манбаи стратегии қудрат ва омили асосии амнияти миллӣ табдил ёфтааст. Дар шароити рақамикунонии босуръат, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва татбиқи сиёсати мустақили иттилоотӣ ба хотири ҳифзи соҳибихтиёрии рақамӣ ва пешгирии таҳдидҳои кибернетикии хориҷӣ аҳаммияти ҳаётӣ пайдо кардааст.

Таҳаввулоти геополитикии муосир ва афзоиши таъсири «ҷангҳои иттилоотӣ» давлатҳоро вазифадор месозанд, ки механизми идоракунии давлатиро тавассути технологияҳои иттилоотии муосир ва ҳукумати электронӣ такмил диҳанд. Рисолаи мазкур дар посух ба ин чолишҳо омода шуда, зарурати гузариш ба шакли нави давлатдорӣ ва идоракунии технократиро барои таъмини рақобатпазирии миллӣ дар «асри суръат» асоснок менамояд.

Ғайр аз ин, масъалаи иттилоотикунонии аҳолӣ дар шароити бархӯрди тамаддунҳо ва таҳдидҳои мафкуравӣ як рукни муҳимми сиёсати дохилии кишвар маҳсуб мешавад, ки муаллиф онро ҳамчун омили муттаҳидсозандаи ҷомеа ва давлат баррасӣ кардааст. Таҳқиқи ин ҷанбаҳо барои Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки дар роҳи бунёди ҷомеаи иттилоотии демократӣ қарор дорад, ниҳоят саривақтӣ ва муҳим мебошад.

2. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд. Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф бори аввал консепсияи сиёсати иттилоотиро дар Тоҷикистон на танҳо ҳамчун маҷмӯи воситаҳои техникӣ, балки ҳамчун технологияи стратегии идоракунии сиёсӣ ва мафкуравӣ бо назардошти воқеиятҳои соҳибистиқлолӣ нишон додааст. Дар кор бори аввал робитаи функсионалии байни самаранокии идоракунии давлатӣ ва сатҳи воридшавии технологияҳои рақамӣ ба

равандҳои қабули қарорҳои сиёсӣ дар сатҳи миллӣ асоснок карда шудааст.

Инчунин, муаллиф дурнамои рушди идоракунии электрониро дар контексти таъмини амнияти иттилоотии миллӣ муайян карда, роҳҳои нави муқовимат ба манипулятсияҳои иттилоотиро тавассути таҳкими «неруи нарм»-и ватанӣ пешниҳод намудааст. Таҳлили муфассали эволютсияи назарияҳои иттилоотӣ ва мутобиқсозии онҳо ба муҳити сиёсии Тоҷикистон саҳми арзандаи муаллиф дар илми сиёсатшиносии ватанӣ мебошад.

3. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Хулосаҳои илмии муаллиф бар пояи таҳлили амиқи заминаҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Конститутсия, Консепсияи амнияти иттилоотӣ ва Стратегияи миллии рушд то соли 2030 асос ёфтаанд. Истифодаи 176 номгӯйи адабиёти илмӣ, аз ҷумла осори классикони илми сиёсат ва кибернетика (К. Дойч, Н. Винер, Г. Лассвелл), сатҳи баланди эътимоднокии таҳқиқотро собит месозад.

Методологияи таҳқиқот аз маҷмӯи методҳои муътамади илмӣ, ба мисли методҳои институтсионалӣ, системавӣ, муқоисавӣ ва ояндабинӣ иборат аст, ки имкон додаанд равандҳои мураккаби иттилоотӣ аз нигоҳи объективӣ арзёбӣ шаванд. Муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ ва таҳлили фаъолияти воқеии мақомоти давлатӣ ва ВАО дар фазои маҷозӣ хулосаҳои худро тасдиқ намудааст.

Эътимоднокии натиҷаҳо инчунин бо он тасдиқ мегардад, ки нуктаҳои асосии диссертатсия дар маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ нашр шуда ва дар конференсияҳои байналмилалӣ мавриди баҳсу санҷиш қарор гирифтаанд. Ҳамаи тавсияҳои пешниҳодшуда бо воқеиятҳои сиёсии кишвар созгор буда, дорои заминаҳои воқеии татбиқ мебошанд.

4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Аҳамияти

назариявии кор дар он аст, ки он заминаҳои методологии омӯзиши сиёсати иттилоотиро дар сиёсатшиносии Тоҷикистон тақвият бахшида, робитаи байни технологияҳои рақамӣ ва ниҳодҳои сиёсиро равшан месозад. Маводи диссертатсия метавонад ҳамчун манбаи муҳим барои таълими фанҳои «Сиёсатшиносӣ», «Идоракунии давлатӣ» ва курси махсуси «Сиёсати иттилоотонӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ хизмат кунад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот бо имкони истифодаи тавсияҳои муаллиф дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ниҳодҳои амниятӣ барои такмили стратегияҳои рақамисозӣ ва ҳифзи фазои иттилоотӣ вобаста мебошад. Натиҷаҳои кор барои баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳои давлатӣ ва таҳкими иртиботи шаффофи байни давлат ва ҷомеа заминаи мусоид фароҳам меоранд.

5. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти Сафарзода Ҷ.М. дар 7 кори илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ба чоп расидаанд. Ин мақолаҳо ҷанбаҳои назариявию методологии сиёсати иттилоотонӣ, нақши воситаҳои иттилоотӣ дар сиёсати муосир ва идоракунии сиёсӣ дар шароити ҳукумати электрониро фаро мегиранд.

Мазмуни мақолаҳои нашршуда бо муҳтавои асосии бобҳои диссертатсия пурра мувофиқат намуда, паҳлуҳои муҳимтарини таҳқиқотро дар бахшҳои идоракунии рақамӣ ва технологияҳои сиёсӣ ошкор месозанд. Ин нишон медиҳад, ки натиҷаҳои илмии довталаб мавриди назари коршиносон ва доираҳои илмӣ қарор гирифта, эътироф шудаанд.

Ғайр аз ин, муаллиф 4 мақола ва фишурдаи маводҳоро дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар шаҳрҳои Бохтар ва Душанбе нашр кардааст. Ин нашрияҳо масъалаҳои амнияти иттилоотӣ, киберҷиноятҳо ва мақоми Тоҷикистонро дар низоми сиёсии ҷаҳонӣ дар бар мегиранд, ки гувоҳи фаъолияти густурдаи илмии муаллиф мебошад.

Дар маҷмуъ, ҳаҷм ва сифати нашриёт ба талаботи КОА барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм пурра ҷавобгӯ буда, саҳми шахсии муҳаққиқро дар баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои гузошташуда ба таври кофӣ муаррифӣ мекунанд.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия

Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА – иназди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

1.Сафарзода Ҷ.М. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии “сиёсати иттилоотонӣ” ва махсусиятҳои амалигардонии он дар шароити муосир [Матн] / Ҷ.М. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахшиилмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. –№10. (2) – С.303-308. ISSN:2413-5151

2.Сафарзода Ҷ.М. Нақши воситаҳои иттилоотӣ дар сиёсат ва муносибатҳои сиёсӣ [Матн] / Ҷ.М. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. –№4. (2)– С. 291-297. ISSN: 2413-5151

3.Сафарзода Ҷ.М. Идоракунии сиёсӣ дар шароити амалишавии сиёсати иттилоотӣ ва консепсияи “ҳукумати электронӣ” [Матн] / Ҷ.М.Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2024. –№6. (2) –С.208-288. ISSN: 2413-5151II.

Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводиконференсияҳо:

4.Сафарзода Ҷ.М. Амнияти иттилооти дар шароити нави дигаргуниҳои ҷомеа // Маводи Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Вазъият ва дурнамои амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». (шаҳри Бохтар 13-14 июни соли 2025)-Бохтар: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 2025-С.134-139.

5. Сафарзода Ҷ.М. Киберҷиноятҳо ҳамчун заминаи амалҳои нави террористи дар шароити муосир // Маводи Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Вазъият ва дурнамои амнияти иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». (шаҳри Бохтар 13-14 июни соли 2025)-Бохтар: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, 2025-С.249-254.185

6. Сафарзода Ҷ.М. Нақши сиёсати иттилоотии ҶумҳурииТоҷикистон дар системаи сиёсии ҷаҳонӣ // Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии дар мавзуи «Мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон дарнизоми сиёсии олам». (шаҳри Душанбе 1 октябри соли 2025)-Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2025-С.423-438.

7.Сафарзода Ҷ.М. Хусусиятҳои асосии сиёсати иттилоотии давлат дар замони муосир // Маводи Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣдар мавзуи «Нақши инноватсия дар рақамикунонӣ дар таҳкими идоракунии давлатӣ: назария, амалӣ ва дурнамои рушд». (шаҳри Душанбе 14 октябрисоли 2025)-Душанбе: Академияи идоракунии давлатии назди ПрезидентиҶумҳурии Тоҷикистон, 2025-С.297-306

7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.

Диссертатсия дорои сохтори мантиқӣ ва муназзам буда, аз Муқаддима, се боб (шаш зербоб), Хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад, ки ин ба мантиқи таҳқиқоти илмӣ ва ҳалли пайдарпайи вазифаҳо мусоидат кардааст. Ҳаҷми умумии кор 185 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад, ки барои таҳлили ҳаматарафаи мавзуъ комилан кифоя мебошад.

Ороиши кор ва истифодаи истилоҳоти сиёсатшиносӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ мутобиқат мекунад. Рӯйхати адабиёт аз

176 сарчашмаи муътамад иборат буда, ба таври дуруст барасмият дароварда шудааст ва матни диссертатсия бо забони илмии равон ва касбӣ навишта шудааст.

Диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар мавзуи «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)» як кори мустақили илмӣ ва пажӯҳиши мукаммал мебошад, ки дар он масъалаи муҳимми сиёсӣ - нақши иттилоот дар идоракунии муосир - ба таври амиқ ҳаллу фасл шудааст. Муаллиф тавонистааст бо маҳорати касбӣ заминаҳои назариявиро бо амалияи давлатдории Тоҷикистон пайванд намояд.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар боби якум номгузории зербоби 2-юм оиди сиёсати иттилоотии давлат ва хусусиятҳои бевоситаи он сухан меравад. Аммо масъалаҳои таъсири техналогияҳои рақамӣ ва равандҳои муосири иттилоотӣ ба идоракунии давлатӣ қисман таҳқиқ шудааст. Хуб мешуд масъалаи мазкур ба таври васеъ баррасӣ карда мешуд.

2. Муаллифи диссертатсия дар қисмати ҷамъбастии ҳар як зербоб хулосаҳои амиқро пешниҳод намудааст, аммо баъзе хулосаҳо асосноккунии бештар мехоҳанд.

3. Дар баррасии масъалаи амнияти иттилоотӣ масъалаи таҳкими низоми киберии ҳифзи иттилоотиро бештар таваҷҷуҳ менамуд, муҳим ва мубрам будани масъаларо нишон медод.

4. Дар кори диссертатсионӣ баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд. Дар ин асос гуфтан ба маврид аст, ки бо дарназардошти навгонӣ, эътимоднокӣ ва

аҳаммияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф дар мавзуи «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ пешниҳод гардидааст ба талаботи талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
д.и.с., профессор мудири кафедраи
дипломатия ва сиёсати хориҷии
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ДМТ Муҳаммадзода П.А.

Имзои профессор Муҳаммадзода П.А. -ро
тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.

Суроғаи муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10
Email: info@tnu.tj
“2” 05 соли 2026 с.